# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30 августи соли 2025, №76**

**Дар бораи сазовор донистани Мирзозода Шаҳриёр Мунавар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ санаи 28-уми июли соли 2025, №71 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети хуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Мирзозода Шаҳриёр Мунавар 23-юми апрели соли 1987 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2005 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда онро соли 2010 хатм намудааст.

Аз соли 2008 то соли 2018 ба ҳайси мутахассис- коргузор, мутахассис, мутахассиси пешбар ва сармутахассис дар Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, аз соли 2018 то соли 2023 ба ҳайси муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ва ассистент, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва аз моҳи июли соли 2023 то инҷониб ба ҳайси мудири бахши умумии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва муаллими калони кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кору фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносӣ ДМТ аз 17-уми апрели соли 2025 №8 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Диноршоҳ Азиз Мусо, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Алимов С.Ю.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Славянинии Тоҷикистон-Россия;

– **Бобоев А.Х.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Н.Ф. ихтисос (12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Рустамзода Ҷ.Ю. ва котиби ҷаласа ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зарипов А.Х. имзо ва аз ҷониби сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсус Зоирхонзода Ф.З. дар санаи 11.08.2025 сол тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсияи Мирзозода Ш.М. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Сатҳи навгонии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки аввалин маротиба кафолатҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва шаклҳои ҳифз ва ҳимоя ҳамчун

унсурҳои амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва тавсиф шудаанд.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниҳодҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд.

Унвонҷӯ доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 14 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 8 тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақолаи дигар дар нашрияҳои дигар ба нашр расидаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Сангинов Д.Ш., Назаров Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Баъзе пешниҳодҳо оид ба такмили Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Ш. Сангинов, Д.Қ. Назаров // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №1 (50). – С. 131-142. ISSN 2664-0651.

**[2-М].** Мирзозода, Ш.М. Танзими конститутсионии ҳуқуқи меҳнат[Матн] / Ш.М. Мирзозода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №4/2 (54). – С. 210-215. ISSN 2664-0651.

**[3-М].** Назаров Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии меҳнати кормандони дар ду (якчанд) ҷойи коркунанда [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Қ. Назаров // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – №4 (40). – С. 140-144. ISSN 2305-0535.

**[4-М].** Назаров Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Хусусияти ҳуқуқии ӯҳдадориҳои давлатҳои иштирокчии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Қ. Назаров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 3 (23). – С. 264-175. ISSN 2414 – 9217.

**[5-М].** Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунии соҳавӣ[Матн] / Ш.М. Мирзозода // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/2 (59). – С. 307- 311. ISSN 2664-0651.

**[6-М].** Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунгузории миллӣ[Матн] / Ш.М. Мирзозода, А.М. Диноршоҳ // Идоракунии давлатӣ. – 2023. №4-1 (62). – С. 143-153. ISSN 2664-0651.

**[7-М].** Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар конститутсия [Матн] / Ш.М. Мирзозода, А.М. Диноршоҳ //

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023, №6. – С. 252-258. ISSN 2413 – 5151.

**[8-М].** Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Эволютсияи таъмини конститутсионии ҳуқуқи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.М. Диноршоҳ, Ш.М. Мирзозода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ.– Душанбе, 2023., №2 (46) – С. 128- 133.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[9-М].** Мирзозода, Ш.М. Конституционное регулирование права на труд [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Материалы республиканской научно-практической конференции «30 лет независимости: этапы пройденного пути, реалии и перспективы». – Душанбе, 2021. – С. 140-143.

**[10-М].** Мирзозода, Ш.М. Эволюция конституционного закрепления права на труд в Республике Таджикистан [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Материалы республиканской научнопрактической конференции «Конституция-как фактор стабильности государства»– Душанбе, 2022. – С. 256-263.

**[11-М].** Мирзозода, Ш.М. Регламентация права на труд в международных документах [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Вестник филиала Московского государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе. – 2022. – №2 (24). – С. 98- 107.

**[12-М].** Салохидинова С.М., Мирзозода, Ш.М. Соотношение права на труд и свободы предпринимательской деятельности [Текст] / Ш.М. Мирзозода, С.М. Салохидинова // Материалы международной научно-практической конференции «XII Ломоносовские чтения» посвященной Дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между РТ и РФ – Душанбе, 2022. – С. 626-629.

**[13-М].** Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Некоторые вопросы ограничения права на труд [Текст] / Ш.М. Мирзозода, А.М. Диноршоҳ // Материалы международной научнопрактической конференции «XIII Ломоносовские чтения» посвященной 115-летию академика Б. Гафурова. – Душанбе, 2023. – С. 122-130.

**[14-М].** Мирзозода, Ш.М. Худмуҳофизат ҳамчун шакли ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат [Матн] / Ш.М. Мирзозода // Маводи конференсияи байналмилаии илмӣ-амалии «Тоҷикон дар оинаи таърих» бахшида ба 115 -солагии академик Б. Ғафуров – Душанбе, 2023. – С. 135-139.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Сангинзод Д.Ш.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Мирзоев С.А.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Маҳмадуллозода Н.М.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ходими калони илмии шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовадинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Камолзода Ш.Ҷ**. – номзади илмҳои хуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрии Муассисаи давлатии "Маркази ҷумхуриявии такмили ихтисоси кормандони соҳаҳои сайёҳӣ ва хизматрасонӣ"-и Муассисаи давлатии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталаб буда, хусусияти тавсиявӣ доранд.

1. Муаллиф дар автореферат санадҳои байналмилалиро вобаста ба масъалаи ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ба ду гурӯҳ, умумӣ ва махсус ҷудо намудааст. Аммо аз мазмуни матн равшан нест, ки то кадом андоза ин санадҳо дар қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеъ ва инъикоси амалӣ пайдо кардаанд. Муаллифро мебояд бо истифода аз мисолҳои мушаххас, татбиқи амалии санадҳои байналмилалие, ки дорои меъёрҳои соҳаи меҳнат мебошанд, дар муҳити ҳуқуқии миллӣ нишон медод.

2. Муаллиф ба зарурати ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ аз ҷониби иттифоқҳои касаба ишора менамояд ва онро ҳамчун омили муҳими таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоии кормандон арзёбӣ мекунад. Бо вуҷуди ин, аз муҳтавои автореферат равшан намегардад, ки ин ҳимоя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути кадом воситаҳо, усулҳо ва механизмҳо амалӣ мегардад?

3. Тавре ки маълум аст, фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати таъмин ва татбиқи ҳуқуқ ба меҳнат яке аз унсурхои муҳимми давлати иҷтимоӣ махсуб меёбад. Аз ин рӯ, мувофиқи максад мебуд, агар муаллиф ба таври мушаххас сатҳи амалишавии ин ҳуқуқро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди баррасӣ қарор медод. Аз ин лиҳоз, шарҳи иловагии муаллиф талаб карда мешавад.

4. Мувофиқи мақсад мебуд, агар дар рисола ва автореферат паҳлуҳои таърихии ташаккул ва танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат мавриди

таҳлили муфассал қарор мегирифтанд ва бо вазъи муосири он муқоиса мешуданд. Ҳамзамон, арзишманд мебуд, агар муаллиф таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии механизми танзими ҳуқуқ ба меҳнатро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ низ анҷом медод, ки ин ба густариши доираи тахкиқот ва амиктар гардидани хулосаҳо мусоидат менамуд. Аз диссертан хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро ба ин масъалаҳо равшани андозад.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии мо алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**коркард карда шуд:** асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат; таносуби мафҳумҳои «ҳуқуқ ба меҳнат» ва «озодии меҳнат»; таҷрибаи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ вобаста ба танзими ҳуқуқ ба меҳнат; механизмҳои амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат, кафолатҳо, маҳдудиятҳо ва шаклҳои ҳимояи он;

– **пешниҳод шудааст:** ҷудо намудани танзими ҳуқуқи шахс ба меҳнат ба ду намуд (мустақим ва бавосита); илова кардани тағйиру иловаҳои мушаххас ба моддаи 35 Конститутсия ва як қатор моддаҳои Кодекси меҳнат барои таҳкими кафолат ва ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ; ворид намудани мафҳуми «собиқаи кории давомнок» ва бартараф кардани носозгориҳои амалкунанда;

– **исбот шудааст:** зарурати таҳкими кафолатҳои давлатӣ ва конститутсионӣ барои амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат; хулосаи он ки ҳуқуқ ба меҳнат ҳуқуқи субъективии мустақил буда, давлат вазифадор аст онро таъмин намояд; робитаи зичи ҳуқуқ ба меҳнат бо дигар ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ.

– **ҷорӣ намудан:** тағйиру илова ба Конститутсия (м.35) ва Кодекси меҳнат (як қатор моддаҳо) барои мустаҳкам кардани ҳуқуқ ба ҳимоя ва ҳифзи меҳнат; равшан кардани мафҳумҳои калидӣ («собиқаи кории

давомнок», «ҳифз» ва «ҳимояи ҳуқуқи меҳнат»); таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти кафолати ҳуқуқ ба меҳнат.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ баррасӣ намудааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ ва дигар илмҳои ба мавзуи мазкур алоқаманд мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳои ба мавзуи мазкур рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд. Хулосаву пешниҳодоти дар рисола таҳиянамудаи муаллиф метавонанд дар самтҳои такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқии фаъолияти меҳнатӣ; дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро дар раванди омӯзиши фани «Ҳуқуқи конститутсионӣ», “Ҳуқуқи инсон”, “Ҳуқуқи меҳнатӣ”, “Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ” истифода бурдан ба мақсад мувофиқ хоҳанд буд. Ҳамчунин, мақомоти давлатӣ натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро дар фаъолияти қонунгузорӣ, амалияи судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба инобат гирифта метавонанд.

− **баён шудани** оне ки масъалаҳои танзими қонунгузории ҳуқуқ ба меҳнат ва амалияи татбиқи меъёрҳои конститутсионӣ дар шароити кунунӣ хусусияти мубрам доранд. Бо назардошти тағйирёбии босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҷаҳонишавии бозорҳои меҳнатӣ ва густариши муҳоҷирати меҳнатӣ, масъалаи ҳифз ва кафолати ҳуқуқи шахс ба меҳнат барои давлати иҷтимоӣ аҳамияти калидӣ касб менамояд. Аз ин рӯ, таҳқиқот зарурати такмили заминаҳои ҳуқуқии конститутсионӣ ва татбиқи амалии он дар низоми қонунгузории миллӣ ва амалияи судиро собит намудааст.

− **ошкор гардидани** он ки паҳлуҳои зиёди ҳуқуқ ба меҳнат ҳанӯз мавриди таҳқиқоти ҳамаҷониба қарор нагирифтаанд. Аз ҷумла, масъалаҳои таносуби мафҳумҳои «ҳуқуқ ба меҳнат» ва «озодии меҳнат», хусусиятҳои маҳдудиятҳои ҳуқуқи меҳнатӣ барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ (занон, ноболиғон, маъюбон), ҳамчунин робитаи ҳуқуқ ба меҳнат бо дигар ҳуқуқҳои иқтисодию иҷтимоӣ ҳанӯз ҳам ба таҳқиқоти амиқ ва комил ниёз доранд. Муаллиф зарурати таҳқиқоти комплексиро таъкид намуда, ин самтро ҳамчун яке аз афзалиятҳои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ арзёбӣ намудааст.

− **омӯхта шуданд:** қонунгузории миллӣ, санадҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ вобаста ба танзими ҳуқуқ ба меҳнат. Муаллиф

ба таври муқоисавӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо меъёрҳои байналмилалӣ, аз ҷумла санадҳои Созмони Милали Муттаҳид ва Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат, инчунин бо таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои аврупоӣ ва ИДМ таҳлил намуда, нуқтаҳои умумӣ ва фарқиятҳоро муайян кардааст. Ин таҳлилҳо барои асоснок намудани зарурати ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба қонунгузории миллӣ заминаи назариявӣ ва амалии муҳим фароҳам овардаанд.

– **аз нав такмил додани:** як қатор меъёрҳои Конститутсия ва Кодекси меҳнат бо пешниҳоди тағйироту иловаҳо. Аз ҷумла, пешниҳод гардидааст, ки ба моддаи 35 Конститутсия қисми нав ворид карда шавад, ки ҳуқуқи шаҳрвандонро ба ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ тавассути иттифоқҳои касаба ва дигар механизмҳои дастаҷамъона мустаҳкам намояд. Ҳамчунин, пешниҳод шудааст, ки ба моддаҳои алоҳидаи Кодекси меҳнат тағйирот ворид гардида, ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар соҳаи меҳнат васеъ карда шаванд, мафҳуми «собиқаи кории давомнок» равшан муқаррар карда шавад ва носозгориҳои амалкунандаи қонунгузорӣ бартараф гарданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқкарда мешаванд, ки:** натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат мусоидат намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин соҳа замина мегузоранд. Ҳамчунин, ин натиҷаҳо метавонанд барои такмили қонунгузории кишвар мусоидат намоянд.

– **муайян карда шуданд, ки** ки дар илми ҳуқуқи ватанӣ паҳлуҳои зиёди ҳуқуқ ба меҳнат ҳанӯз мавриди таҳқиқоти ҳамаҷониба қарор нагирифтаанд. Аз ҷумла, масъалаҳои таносуби мафҳумҳои «ҳуқуқ ба меҳнат» ва «озодии меҳнат», хусусиятҳои маҳдудиятҳои ҳуқуқи меҳнатӣ барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ (занон, ноболиғон, маъюбон), ҳамчунин робитаи ҳуқуқ ба меҳнат бо дигар ҳуқуқҳои иқтисодию иҷтимоӣ ҳанӯз ҳам ба таҳқиқоти амиқ ва комил ниёз доранд. Муаллиф зарурати таҳқиқоти комплексиро таъкид намуда, ин самтро ҳамчун яке аз афзалиятҳои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ арзёбӣ намудааст..

– **офарида шуд:** дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ мафҳумҳои асосие, ки дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардидаанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, мафҳумҳои нав таълиф гардидаанд.

**муаррифӣ карда шуд:** мафҳумҳои «ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат» ва «ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат» ҳамчун категорияҳои мустақил. Муаллиф онҳоро ҳамчун

ду унсури алоҳида шарҳ додааст: «ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат» хусусияти пешгирикунанда дошта, маҷмуи тадбирҳоест, ки шароити бехатар ва муносибро таъмин менамояд; «ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат» бошад, хусусияти барқароркунанда дошта, дар ҳолати поймол гардидани ҳуқуқҳои меҳнатӣ бо усулҳои ҳуқуқӣ ва судӣ татбиқ мегардад. Ин фарқгузорӣ барои илми ҳуқуқшиносӣ ва барои амалияи судӣ аҳамияти назаррас дорад..

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** як қатор хулосаву пешниҳодҳо ва натиҷаву тавсияҳои илман асосноки пешниҳодгардида, дар самти ислоҳ намудани мушкилоти татбиқи меъёрҳои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ дар асоси таҳлил ва омузиши қонгузории ҷиноятӣ, санадҳои алоҳида дар соҳаи ҳифзи иттилоот, таҷрибаи байналмилалӣ, қонунгузориҳои давлатҳои хориҷӣ,таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ ба даст оварда шуда, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок мебошанд.

**– ғоя асоснок шудааст, ки** ки хуқуқ ба меҳнат яке аз ҳуқуқҳои иқтисодӣ-иҷтимоии асосӣ ба ҳисоб меравад ва татбиқи комили он барои таҳкими адолати иҷтимоӣ, ҳифзи арзишҳои инсонӣ ва таъмини некуаҳволии ҷомеа аҳамияти калидӣ дорад. Муаллиф собит намудааст, ки бе кафолати воқеии ҳуқуқ ба меҳнат дигар ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ пурра амалӣ шуда наметавонанд. Аз ин рӯ, ҳуқуқ ба меҳнат дар низоми ҳуқуқҳои инсон мақоми марказӣ дошта, кафолати амалишавии маҷмӯи ҳуқуқҳои дигарро таъмин менамояд.

**– истифода шудаанд:** истилоҳои “ҳуқуқ ба меҳнат”, “озодии меҳнат”,. Дар натиҷаи таҳқиқот муқаррар карда шудааст, ки имрӯз зарурати ҷиддӣ ба такмили истилоҳоти ҳуқуқие, ки дар қонунгузорӣ истифода мешаванд, ба миён омадааст, зеро набудани истилоҳоти ягона ва муқарраршуда татбиқи амалии қонунгузориро мушкил мегардонад.

**– муайян шудаанд:** масъалаи зарурати ҷорӣ намудани меъёрҳои нави қонунгузории меҳнатӣ ё, баръакс, хориҷ кардани муқарраротҳои кӯҳнашудае, ки ба воқеияти рақамии имрӯза мутобиқ нестанд, ҳанӯз кушода боқӣ мемонад.

**– истифода шуданд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонн,** Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёриву ҳуқуқии марбут ба ҳуқуқ ба меҳнат, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин парвандаҳое, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии

илмии диссертатсия, мақолаҳои илмии муаллиф, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 30 августии соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 16 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил 1 нафар, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мирзозода Қ.Х.**

**30 августи соли 2025**